*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (суроға 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳриДушанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи "Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.

Таҳлили назария ва амалияи мавҷудаи ташкил ва идораи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон собит намудаанд, ки инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ яке аз омилҳои муассири рушди иқтисодии кишварҳо мебошад. Дар шароити пурзӯршавии рақобат фақат инфрасохтори нақлиётӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасони кишвар маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар бо хароҷотҳои камтарини тавонанд бароранд.

Масъалаҳои ташкил ва идораи истеҳсолоти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автоомбилӣ, ки муаллиф ба онҳо даст задааст, хеле мубрам буда, дар амалия онҳо алҳол дар сатҳи давраи шӯравӣ боқӣ мондаанд. Аз ин хотир, ҳалли масъалаҳои назараиявӣ, методологӣ ва эмпирикии ташкил ва идораи маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар хеле мубрам ва зарур арзёбӣ карда мешавад.

Муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, ки таҳияи равиши ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ ва амалист, ки моҳияти аз муносибатҳои иқтисодии вобаста ба маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бароянлдаро ҳамчун категорияи мустақили нақлиётӣ-иқтисодӣ ошкор намуда, маҷмӯи шартҳоро барои трансформатсияи босуръати бозории иқтисодиёт, зиёд кардани иқтидори транзитӣ ва умуман баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти миллии кишварро таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки;

1) Диссертант таҳлили ҳаматарафа ва чуқури адабиётҳои ватанӣ ва хориҷиро нисбати масъалаҳои гузошташуда гузаронида имконияти дар амал истифода шудани онҳоро дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок намудааст.

2) Тадқиқотҳои эмпирикии гузаронидаи муаллиф дар заминаи истифодаи васеъи маълумотҳои оморӣ ва абзори таҳлили иқтисодӣ гузаронида шудаанд;

3) Бо мақсади муқаррар намудани тамоюл ва қонуниятҳои инкишофи инфрасохтори нақлиёти автомобилии Тоҷикистон аз усулҳои эконометрикии таҳқиқот васеъ истифода бурда шудааст.

Ҳамин тавр, сатҳи баланди таҳқиқотҳои гузаронидаи муаллифро қайд намуда, дар автореферат мушкилотҳо, муаммоҳои такмилдиҳии ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва самту роҳҳои такмилдиҳӣ мушахас карда мешуданд, ба манфиати кор мебуд.

Умуман, автореферати диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи “Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шуда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақризнавис, д.и.и., профессор,
профессори ДМТ, Қодирзода Д.Б.

Имзои д.и.и., профессор Д.Б. Қодирзода-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроғаи донишгоҳ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, саҳифаи интернетӣ tnu.tj, телефон: +992 (37) 221-77-11